# 1.3. (12.00.03) ЧАСТНОПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ
# 5.1.3. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ (СИВИЛИСТӢ)
# 5.1.3. PRIVATE-LEGAL (CIVILISTIC) SCIENCES

***УДК 347.1***
***DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-30-37***

## *БОВИҶДОНИИ ИШТИРОКЧИЁН ҲАМЧУН УСЛУБИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ-МАДАНӢ*

***Болтуев Самад Шарифбоевич,*** *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмиллалии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## *ДОБРОСОВЕСТНОСТЬ УЧАСТНИКОВ КАК МЕТОД РЕГУЛИРОВАНИЯ ГРАЖДАНСКО-ПРАВОВЫХ ОТНОШЕНИЙ*

***Болтуев Самад Шарифбоевич,*** *канд.юрид.наук, доцент кафедры предпринимательского и международного права ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

## *INTEGRITY OF PARTICIPANTS AS A METHOD OF REGULATING CIVIL RELATIONS*

***Boltuev Samad Sharisbaevich,*** *candidate of law, associate professor of entrepreneurial and international rights department under TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *samadboltuev@gmail.com*

*Ҳамчун анъана ба сифати яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқ меъёрҳои ахлоқие, ки бо устуворӣ ва суботнокии худ байни одамон маъмул гаштаанд, баромад мекунанд. Вале барои ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил ёфтани онҳо мутобиқат кардан ба консепсияи сиёсати ҳуқуқии давлат яке аз шартҳои асосӣ мебошад. Агар сухан дар бораи то дараҷаи принсипи ҳуқуқӣ баланд бардоштани эътибори онҳо равад ин фаъолияти хеле мураккаб ва тӯлонӣ мебошад. Чунки хусусияти асосии принсипи ҳуқуқӣ қатъият ва якмаъною бечунучаро татбиқ намудани оқибатҳои ногувори ҳуқуқии риоя нагаштани онҳо бе баррасии масъала дар мурофиаи судӣ мебошад. Яъне зарурати ҳимояи судӣ барои барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳрои қонунии вайроншуда ё баҳснок намешавад. “Бовиҷдонӣ” ва “накӯкорӣ” категорияҳои фалсафӣ-ахлоқӣ бошанд ҳам, дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ аҳаммияти калон доранд, зеро диспозитивият (ихтиёрдории озод) дар аксарияти мавридҳо омили асосии танзим гаштани онҳо бе дахолати қувваи маҷбуркунии давлатӣ мебошад. Барои ҳамин муаллиф кӯшиш кардааст зарурати то дараҷаи принсипи ҳуқуқи маданӣ баровардани меъёрҳои ҳуқуқии ин категорияҳоро танзаимкунандаро асоснок намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *бовиҷдонӣ, маънои терминологӣ ва этимологӣ, ахлоқи ҷомеа, асосҳои демократии танзими ҳуқуқӣ, услуби танзими ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқӣ, категорияҳои фалсафӣ, иқтисодиёти бозорӣ, муносибатҳои бозорӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, диспозитивият*

*Традиционно в качестве одного из источников права выступают нравственные нормы, которые благодаря их устойчивости и стабильности стали популярными у людей. Однако для того, чтобы они превратились в правовые нормы, основным условием является их соответствие концепции правовой политики государства. Если речь идет о том, чтобы поднять их значимость до уровня правовых принципов, то это является сложным и длительным процессом, ибо основным свойством правовых принципов является категоричность и однозначность безусловного применения нежелательных правовых последствий их несоблюдения без рассмотрения вопроса в судебном порядке, поскольку нет необходимости в судебной защите для восстановления нарушенных или оспоренных прав и охраняемых законом интересов. Хотя “добросовестность” и*

*“добродетель” являются философско-нравственными категориями, но в гражданско-правовых отношениях они имеют большое значение, поскольку диспозитивность (свобода волеизъявления) в большинстве случаях является основным фактором их регулирования без вмешательства государственного регулирования. В этой связи автор попытался обосновать необходимость возведения правовых норм, регулирующих эти категории, до уровня принципов гражданского права.*

***Ключевые слова:*** *добросовестность, терминологический и этимологический смысл, нравственность общества, демократические основы правового регулирования, метод правового регулирования, правовые принципы, философские категории, рыночная экономика, рыночные отношения, нравственные нормы, диспозитивность*

*The article states that traditionally, one of the sources of law are moral norms, which, due to their sustainability and stability, have become popular among people. However, in order for them to become legal norms, their compliance with the concept of legal policy of the state is the main condition. If we are talking about raising their significance to the level of legal principles, then this is a complex and lengthy process. For the main property of legal principles is the categorical and unambiguous application of the undesirable legal consequences of their non-compliance without considering the issue in court. Since there is no need for judicial protection to restore violated or disputed rights and interests protected by law. Although “conscientiousness” and “virtue” are philosophical and moral categories, they are of great importance in civil law relations, since discretion (freedom of will) in most cases is the main factor in their regulation without the intervention of government regulation. In this regard, the author tried to justify the need to raise the legal norms governing these categories to the level of principles of civil law.*

***Key-words:*** *integrity, terminological and etymological meaning, morality of society, democratic foundations of legal regulation, method of legal regulation, legal principles, philosophical categories, market economy, market relations, moral norms, dispositivity*

Пеш аз ҳама ба тариқи гузориши масъала ва даъват ба мубоҳисаи илмӣ якчанд нуқтаҳои асосии муаммои то дараҷаи принсипи ҳуқуқӣ баровардани бовиҷдонии иштирокчиёни муносибатҳои маданиро таъкид кардан мехостем:

**Аввалан**, ба ақидаи мо бояд ба мафҳуми принсипҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ кардан лозим аст, зеро ҷоиз будани масъалагузорӣ оиди чунин мақом додан ба қоидаҳои бовиҷдонӣ ва накӯкории иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ аз он вобаста мебошад.

**Сониян**, ба назар чунин мерасад, ки барои ба категорияҳои фалсафии «бовиҷдонӣ» ва «накӯкорӣ» мазмуни ҳуқуқӣ додан муайян кардани маънои терминологӣ ва этимологии онҳо хеле муҳим аст. Чунки қонунгузор онҳоро ҳамчун меъёр ва ченаки уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ истифода бурда истода бошад ҳам, мазмуни ботинии онҳоро рӯшод накардааст.

**Солисан,** шояд мутобиқ ба воқеияти ҳуқуқи маданӣ дар шароитҳои иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ, ҳамчунон гуногунмаъногии фаҳмиши категорияҳои фалсафӣ-ҳуқуқии «бовиҷдонӣ» ва «накӯкорӣ» онҳоро яке аз хусусиятҳо ва ҷузъи таркибии услуби ба танзимдарории ҳуқуқи маданӣ ҳисобидан кифоя бошад. Чунки алҳол чунин воқеиятро дар муносибат нисбати диспозитивияти ҳуқуқи маданӣ қобили қабул меҳисобем. Ҳол он ки нақши диспозитивият дар мазмун ва моҳияти соҳаи ҳуқуқи маданӣ бештар назаррас аст.

Таҳқиқ ва таҳлили принсипҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки мо дар асоси онҳо моҳият, аҳаммият ва хусусиятҳои хоси соҳаи ҳуқуқро муайян намоем [9, с.36]. Онҳо ибтидои худро аз маънои терминологии вожаи «принцип», ки аз калимаи «principus»-и забони

лотинӣ гирифта шудааст ва мазмуни «асос», «ақидаи роҳбарикунанда», «қоидаи асосии рафтор»-ро дорад, мегиранд. Принсипҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода гашта, ҳамаи ҷузъиёт ва тафсилоти ҳаёти ҷомеаро дар бар мегиранд. Онҳо на фақат моҳият, балки аҳаммияти меъёрҳои ҳуқуқиро муайян карда, ба раванди пайдошавӣ, татбиқ ва инкишофи меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсири ҳалкунанда доранд, ба таҳқиқи тамоми низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Асосҳои демократии принсипҳо барои ташаккул ва инкишоф ёфтани ҳуқуқ нақши хеле муҳим мебозанд, маҳз бо ёрии онҳо меъёрҳои нави ҳуқуқӣ бунёд мегарданд, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ қабул мегарданд. Онҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии ҳамаи мақомоти давлатӣ ҳамчун чароғаки раҳнамо баромад мекунанд ва яке аз кафолатҳои риоя шудани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва механизми таъмини он ҳисобида мешаванд. Аз савияи риояи принсипҳои ҳуқуқӣ дараҷаи устуворӣ, суботнокӣ, ботартибӣ ва самаранокии тамоми низоми ҳуқуқӣ вобаста мебошад [2, с.64]. Бо сабаби хислати умумиҳатмӣ доштанашон принсипҳои ҳуқуқӣ барои мустаҳкам намудани ягонагӣ ва алоқаи ҳамдигарии меъёрҳо, институтҳо ва соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мусоидат менамоянд. Принсипҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши махсусан муҳимро мебозанд. Низоми пурраи муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ, расмиёти фаъолияти ҳамаи шахсони мансабдори сохторҳои ҳокимиятӣ ва мақомоти давлатӣ аз нуқтаи назари принсипҳо ва дар асоси онҳо муайян карда мешаванд. Барои ҳамин принсипҳои ҳуқуқиро баъзан принсипҳои тартиботи ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, низоми амалкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳам меноманд [17, с.6].

Ҳамин тавр, **ҳамчун принсипҳои ҳуқуқ бояд он ақидаҳои ахлоқие эътироф карда шаванд, ки ба сиёсати ҳуқуқии амалкунандаи давлат мувофиқат карда, дар ягон меъёри ҳуқуқӣ мустаҳкам гашта, шакли расмӣ гирифта бошанд.**

Худ аз худ маълум аст, ки дар ҷомеа принсипҳои ахлоқии гуногун амал карданашон мумкин аст, ки риоя намудани онҳоро бо қувваи маҷбуркунии давлатӣ таъмин кардан зарур нест. Онҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа дар асоси таъсири маънавиёт, шуурнокӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва/ё маҳаллӣ (шарқиёна, аврупоёна ва ғ.ҳ.) муқарар ва риоя мегарданд. Лекин чунин ҳолат то он даме мавҷуд буда метавонад, ки ба муносибати байниҳамдигарии шахс ва давлат ин принсипҳои ахлоқӣ дахолат накунанд. Ба назари аввал ғайримантиқӣ намояд ҳам, бо сабабҳои гуногун меъёрҳои ахлоқӣ ба сиёсати ҳуқуқии давлат мувофиқат накарданашон мумкин аст. Масалан, алҳол бо назардошти дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонии ба моликияти хусусӣ асос ёфта қарор доштани Тоҷикистон тафаккури аҳолии калонсол ва, ҳатто, миёнсоле, ки худ фақат истеъмолкунанда мебошанд, сиёсати ҳуқуқии давлатро оиди дастгирии соҳибкорӣ қабул карда наметавонад. Алалхусус, дар он мавридҳое ки мавқеи иқтисодӣ-иҷтимоии онҳо куллан аз соҳибкорон фарқ мекунад. Мо ин ҷо дар назар дорем он тазоддеро, ки аз сабаби гуногунии омилҳо ва шарту шароити инкишофи давлат ва ҷомеа пайдо мешавад; маънавиёти ҷомеа бо роҳи тадриҷӣ (эволютсионӣ) инкишоф меёбад, вале дар баъзе мавридҳо барои сари вақт иҷро намудани вазифаҳои давлат ҳукумат онро бо роҳи инқилобӣ (револютсионӣ) тез ва барқосо дигаргун кардан мехоҳад. Масалан, давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ аз рӯи назарияи иқтисодӣ бояд сад сол тӯл кашад, аммо дар мамлакати мо ба ақидаи Пешвои миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш кардан лозим аст, ки барои мавқеи худро дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳар чӣ тезтар пайдо кардан давраи гузаришро дар тӯли иваз шудани як насл (дар сад сол се насл иваз шавад пас як насл дар давоми сӣ сол иваз мешавад) бояд сипарӣ намоем [15, с.9]. Ба назари мо чунин мерасад, ки барои гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ на фақат омилҳои моддӣ-иқтисодӣ, балки маънавӣ-ахлоқӣ низ нақши назаррас доранд. Шояд аз ҳамин сабаб

ва бо мақсади ҳар чӣ тезтар дигаргун кардани афкори ҷамъиятӣ ва шуури ҳуқуқӣ қонунҳое қабул шудаанд, ки матлаби танзимашон муносибатҳои ҷамъиятии одатан бо меъёрҳои ахлоқӣ ба тартиб даровардашаванда мебошанд [7; 8]. Ба ташаккул додани сиёсати ҳуқуқии давлат ва суръатнокии тези амалӣ гаштани онҳо бошад на фақат зарурати иҷрои функсияҳои ба ӯ хос, балки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва интегратсионӣ омилҳои гуногуни беруна ҳам таъсири назаррас доранд.

Принсипҳо бояд аз рӯи шакл ва мазмуни худ байни ҳамдигар мувофиқат кунанд ва мухолифат надошта бошанд. Ифодаи забонии онҳо бояд ҳамин хел тартиб дода шавад, ки бе назардошти аниқ ва мушаххас буданашон на фақат ба ҳуқуқдонҳои касбӣ, балки ба доираи васеи шаҳрвандон, ки иҷрокунандагони потенсиалии меъёрҳои ҳуқуқии муқараршуда мебошанд, фаҳмо бошанд [16, с.40].

Дар бобати фарқи принсипҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии одӣ Грибанов В.П. менависад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ мазмуни институтҳо, соҳаҳо ва низоми муайяни ҳуқуқиро ташкил мекунанд, принсипҳои хуқуқӣ бошанд моҳият ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқро ифода мекунанд [3, с.42].

Муҳаққиқи машҳури назарияи ҳуқуқ Гурвич М.А. муносибати ҳамдигарии байни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои ҳуқуқиро боз ҳам аниқтар муайян карда истода қайд менамояд, ки принсипҳо ҳамон меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд, вале фарқи принсип дар он ифода мегардад, ки он аҳаммияти умумӣ ва устувор (қатъӣ) дорад [4, с.25]. Ба назари мо чунин менамояд, ки нуқтаи назари М. А. Гурвич бештар қобили қабул аст. Чунки хусусияти фарқкунандаи принсипҳо, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқии ҳамчун принсип баромадкунанда барои соҳаи муайяни ҳуқуқ, институтҳо ва маҷмӯи меъёрҳои алоҳида аҳаммият доранд ва ҳамчунон вазифаи танзимкунандаи асосии муносибатҳои дохилисоҳавии муайянро иҷро мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ бошанд ба танзими муносибатҳои алоҳида ё амалҳои муайян равона карда шудаанд. Ғайр аз он принсипҳои ҳуқуқӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ бо устувории мавҷуд будани худ фарқ мекунанд. Дар мувофиқа бо шароитҳои инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва риоя намудани қоидаҳои раванди қонунгузорӣ меъёрҳои одии ҳуқуқӣ тағйир ёбанд ҳам дар аксарияти мавридҳо моҳияти принсипҳои ҳуқуқии муқараргардида бе тағйир мемонанд. Принсипҳо моҳият ва мазмуни на фақат меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда, балки меъёрҳои ҳуқуқии дар оянда қабулшавандаро ҳам муайян мекунанд, чунки муқарар кардани тамоюлот ва дурнамои инкишофи қонунгузории амалкунанда ҳам ба зиммаи онҳо вогузошта шудааст. Дар қонунгузорӣ муқаррар кардани принсипҳои ягон аҳаммияти иҷтимоӣ ва/ё хусусияти роҳбарикунанда надошта ба инкишоф ва татбиқи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад; метавонад сабаби нодуруст татбиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва чигилкорӣ дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда гардад.

Дар мазмуни принсипҳо сиёсати ҳуқуқии давлат ифода мегардад. Барои ҳамин бо табаддулоти куллии дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол рух дода пайдошавии принсипҳои нави танзими ҳуқуқиро алоқаманд намудан мумкин аст, ки онҳо дар баъзе мавридҳо натиҷаи сифатан нав гаштани мазмуни принсипҳои пештар ҳамчун анъана дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ амалкунанда ҳам мебошанд. Онҳо бо устуворӣ ва босуботияшон дар муқоиса бо дигар меъёрҳои ҳуқуқии соҳавии нав қабул гашта маълуманд.

Дар раванди инкишофи таърихии давлат ва давраҳои гуногуни он, пайдошавии муносибатҳои нави иҷтимоӣ принсипҳои танзими ҳуқуқӣ ҳам метавонанд дигаргун гарданд. Барои ҳамин то як дараҷаи муайян принсипҳоро тағйирнаёбанда ҳисобидан душвортар аст. Қонунгузорӣ зуҳуроти шахшудамонда нест ва бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ тадриҷан дигаргун мегардад, вале коркард ва ҷорӣ намудани принсипҳои нав муносибати хеле эҳтиёткоронаро тақозо мекунад, дар ин кор муносибат карда ба

шитобкорӣ роҳ додан мумкин нест. Чӣ хеле ки дар боло қайд карда будем, ба принсипҳои ҳуқуқӣ хусусияти мавҷудияти қатъӣ ва пойдории нисбӣ хос мебошад.

Ҳамин тавр, **бе ягон зарурати объективӣ ва ҷиддӣ дар қонунгузорӣ мустаҳкам кардани принсипҳои нав, тағйир додани онҳо ё умуман барҳам додани онҳо аз байни принсипҳои амалкунанда моҳияти амиқи низоми ҳуқуқиро куллан тағйир дода, ба он зарари ислоҳнашаванда расонида, ба оқибатҳои манфӣ оварданаш мумкин аст.**

Дар қонунгузории амалкунандаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати принсип якмаъно дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ягон кас ба корҳои хусусӣ, зарурати бе мамониат ба амал овардани ҳуқуқҳои маданӣ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқҳои маданӣ, ҳимояи судии онҳо (қ.1 м.3 КМ [6]) муқарар карда шудаанд, ки дар байни онҳо бовиҷдонӣ ва накӯкорӣ нест. Дар илми ҳуқуқи мадании Тоҷикистон ба монанди дигар мамлакатҳо, дар бораи мавҷуд будани дигар принсипҳои соҳавӣ ягонафаҳмӣ нест. Мо дар ин ҷо, масалан, мубоҳисаи олимони сивилисти рус Е.В.Вавилин, А.А. Чукреев, В.А.Белов, О.А.Портникова, В.П.Грибанов ва дигарҳоро дар бораи таркиби низоми принсипҳои ҳуқуқи маданӣ дар назар дорем [11, с.42]. Умуман таклифи ҷоиз карда мешавад, ки доираи принсипҳои ҳуқуқи маданӣ мутобиқ ба шароитҳои нав пайдошудаи иқтисодиёти бозорӣ васеъ карда шавад, ки бе ягон шак дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-мадании алоҳидаи ба тариқи навоварӣ муқарар намудаи қонунгузор низ ифода мегарданд [1, с.625]. Аммо онҳо ҳоло мақоми принсипи ҳуқуқиро пайдо накардаанд.

Принсипҳои ахлоқии ҷомеаи ба иқтисодиёти бозорӣ асосёфта аз асосҳои ахлоқии ҷомеаи шуравӣ, ки низоми ҳозир амалкунандаи принсипҳои ҳуқуқи маданӣ дар ҳамон давра ташаккул ёфтаанд, фарқ мекунанд. Аз ҳамин сабаб ба назари мо чунин мерасад, ки муқаррар кардани ухдадории риоя кардани фақат принсипҳои ахлоқии дар меъёрҳои қонунгузории маданӣ мавҷуда (қ.қ.3-4 м.3 МГ) аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои маданӣ кифоя нест. Аз ҳамин сабаб мубоҳисаи олимон оиди зарурати ба қатори принсипҳои ҳуқуқи маданӣ дохил намудани дигар қоидаҳои ахлоқ, ки алҳол мақоми меъёрҳои қатории ҳуқуқӣ доранд, беҷо нест.

Ҳанӯз дар замони худ яке аз саромадони илми сивилистии Тоҷикистон В.А.Ойгензихт таваҷҷӯҳи қонунгузори ватаниро ба зарурати аҳаммияти ҳуқуқӣ додан ва то дараҷаи принсипҳои танзими ҳуқуқи маданӣ баровардани чунин категорияҳои ҳуқуқӣ, ба монанди рафтори оқилона, адолатнок ва бовиҷдонона нигаронида буд [13, с.9]. Барои он ки вай вобаста ба табиат ва хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ эҳтимоли рафтори оқилона, адолатнок ва бовиҷдононаи субъектҳои онро дар назар дошт [14, с.86]. Боиси тазаккур аст, ки мавқеи В. А. Ойгензихт дар қонунгузории амалкунанда ифодаи худро ёфтааст; ухдадории оқилона, адолатнок ва бовиҷдонона риоя намудани талаботҳои қонунгузор, принсипҳои ахлоқии ҷомеа ба зиммаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ вогузошта шудааст (қ.3-4 м.3 КМ).

Таҳлили баъзе меъёрҳои ҳуқуқии дахлдори қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад ба чунин хулоса оем, ки қонунгузор бовиҷдониро ҳамчун қисми таркибӣ ва яке аз ҷузъиёти асосии услуби танзими ҳуқуқӣ-маданӣ меҳисобад. Чунки он дар меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳудудҳои баамалбарории ҳуқуқҳои маданӣ бахшидашуда якчанд маротиба ёдовар мешавад (қ.3-4 м.3 КМ). Зиёда аз он, аниқу мушаххас муқаррар карда мешавад, ки ухдадории на фақат бовиҷдонона, балки оқилона ва адолатнок риоя намудани талаботи дар қонунгузор мавҷудбудаи принсипҳои ахлоқии ҷомеа, барои соҳибкорон бошад қоидаҳои одоби корӣ ҳам, хусусияти императивӣ дорад. Он ба тариқи татбиқи хусусияти диспозитивияти муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ набояд, ки бо шартнома маҳдуд ё ихтисор карда шавад. То як дараҷаи муаяйн ин меъёр татбиқи принсипи озодии шартномаро маҳдуд менамояд, аммо ҳамчун яке аз тарзҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-мадании хислати хусусӣ дошта баромад мекунад.

Ҳарчанд категорияҳои фалсафӣ-ҳуқуқии бовиҷдонӣ, оқилӣ, адолатнокӣ хислати на хусусӣ, инфиродӣ, балки ҷамъиятӣ доранд, ин мафҳумҳо дар шуури ҷомеа дар асоси тасаввурот дар бораи некию бадӣ ташаккул меёбанд. Маҳз аз ҳамин сабаб, бидуни тасодуф дар меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ бовиҷдонӣ ва сӯиистеъмол аз ҳуқуқ чун ду тарафи ба ҳам муқобили зуҳуроти ягона омадааст. Маҳз бо ҳамин сабаб онҳо ҳамчун нуқтаҳои ҳамдигарро истиснокунандаи рафтору кирдори иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ба назар мерасанд. Бо вуҷуди он, мазмуни категорияҳои бовиҷдонӣ ба мазмуни на фақат ҳуқуқӣ, балки фалсафӣ ҳам пурра аз мафкураи ҷамъият дар давраи муайяни таърихӣ вобаста мебошад. Масалан, дар давраи сотсиалистии таърихи давлатдории мамлакатҳои собиқ шуравӣ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипи бовиҷдонӣ ҳамчун қоидаи риояи қатъии қоидаҳои ҳамзистии сотсиалистӣ ва принсипҳои ахлоқии бинокори коммунизм фаҳмида мешуд [10, с.72; 20, с.17]  Дар замони муосир, ки бо назардошти шароити иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ маънавиёт ҳам дигаргун гаштааст, ба назари мо бовиҷдониро ҳамчун накукорӣ баҳо додан мувофиқи мақсад мебуд.

Барои дуруст фаҳмидан ва азхуд намудани табиати ҳуқуқии категорияи фалсафӣ-ҷамъиятии «бовиҷдонӣ» дар ҳуқуқи маданӣ мазмуни ин истилоҳро аз назари этимологӣ баррасӣ намуда аниқ кардан зарур аст. Луғати тафсирии Ожегов С.И. мафҳуми зерин овардааст: «бовиҷдон – уҳдадорӣ, вазифаҳои худро бо шараф иҷрокунанда»[12]. Луғати энсиклопедии Ф.А. Брокгауз ва И.А. Ефрон бошад овардааст, ки бар хилофи «виҷдони нек» бовиҷдонӣ ҳолати субъективии шахсро дар мавриди иҷро намудани аҳдҳои юридикӣ, бехабар будан оиди мавҷуд будани ҳолатҳои зоҳиран ва ботинан ҳаққонияти амалро ноқискунанда, каси ба маънои юридикӣ бошарафро барои даст кашидан аз ин амал маҷбуркунанда ҳарчанд расман барои он ягон мамониат набошад ҳам, дар назар дорад. Мавриди баҳодиҳӣ ба оқибатҳои ҳуқуқии бисёр амалҳо чунин ҳолати субъективии шахс ба назар гирифта мешавад ва дар натиҷа барои тарафи дигар ин оқибатҳо дар муқоиса бо бевиҷдонӣ моҳиятан дигаргун мегарданд [21, с.421].

«Treu und glauben» (виҷдони нек, умед ва боварӣ) – ҳуқуқи уҳдадории немис бо ҳамин мафҳум корбарӣ мекунад; ба ҳуқуқи мадании фаронсавӣ ва итолиёвӣ ҳам ин принсип маълум буд. Давлатҳои низоми ҳуқуқии умумӣ (ин ҷо мо низоми ҳуқуқии романо-олмониро, ки дар аксарияти давлатҳои Аврупою Осиё амал мекунанд, дар назар дорем) ба гардиши меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи савдо истилоҳи «good faith» (бовиҷдонӣ) - ро ҷорӣ кардаанд. Кодекси мадании соли 1992 Ҳолланд «redelijkheid en billijkheid» (оқилӣ ва адолатнокӣ)-ро муқарар кардааст, ки мафҳуми умумии «бовиҷдонӣ»-ро ифода мекунад [5].

Пештар бовиҷдонӣ, оқилӣ ва адолатнокӣ дар ҳуқуқи табиӣ ва динӣ ҳамчун категорияҳои ахлоқу одоб баррасӣ мешуд. Бо инкишофи қонунгузории мадании аврупоӣ ин қоидаҳо ҳамчун принсип дар меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шуданд. Дар замони муосир мазмуни онҳо хусусияти юридикӣ пайдо карда, аз меъёрҳои ахлоқу одоб бароварда шудаанд. Чунки шароитҳои тағйирёфтаи муносибатҳои маданӣ ба сиёсати ҳуқуқӣ-мадании замони иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ мувофиқат мекунанд. Боиси тазаккур аст, ки на фақат низоми ҳуқуқии дунявӣ (романо-олмонӣ ва англосаксонӣ), балки ҳуқуқи мусулмонӣ ҳам дар меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои маданӣ уҳдадории муносибати бовиҷдонона амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниро муқарар кардааст [18, с.47]. Моҳиятан муқоиса намудани тасаввуроти аврупоӣ ва осиёӣ дар бораи бовиҷдонӣ ягон маъно надорад. Чунки кайҳо алоқамандӣ ва вобастагии мутақобилаи фарҳангҳои гуногуни тамаддуни умумиҷаҳонӣ муқарар гаштааст. Аммо таҳқиқи сарчашмаҳо ва ёдгориҳои қадимтарини ҳуқуқии тамаддуни мамлакатҳои Шарқ имкон медиҳад ба чунин хулоса оем, ки меъёрҳои шариат (сарчашмаи ҳуқуқи мусулмонӣ)

бевиҷдонии иштирокчиёни муносибатҳои маданиро нораво дониста мавқеи оштинопазирӣ ишғол кардааст; бовиҷдониро то дараҷаи принсип баровардааст [19, с.7].

Ҳамин тавр, **бовиҷдонӣ ҳамчун меъёр ва ченаки рафтори дурусти иштирокчии қонунэҳтиромкунандаи муносибатҳои юридикӣ, ҳамчун ҷавҳари услуби танзими ҳуқуқӣ-маданӣ, ки манфиати хусусӣ ва ҷамъиятиро дар бунёди ҷомеаи мутамаддини ба шароитҳои замони муосир мувофиқ муқарар менамояд, ҳисобида мешавад. Он бо пайвастагии принсипи диспозитивияти муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ табиати ҳуқуқии ҳамаи соҳаҳои хислати хусусӣ доштаи ҳуқуқро муайян мекунад.**

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Болтуев С.Ш. Добросовестность участников как метод регулирования их гражданско-правовых отношений / Юридические факты как основание возникновения, изменения и прекращения гражданских правоотношений: материалы научно-теоретической конференции, посвященной 20-летию НИИ частного права и 10-летию Казахстанского международного арбитража. Отв. ред. Сулейменов М.К. – Алматы: Дауркитаб, 2015. – 668 с.*
2. *Глобализация и развитие законодательства. Очерки /Отв. ред. А.С. Пиголкин, Ю.А. Тихомиров. – Москва: Городец, 2004. – С.654.*
3. *Грибанов В.П. Принципы осуществления гражданских прав / Вестник Московск. ун-та. – 1966. - №3. – С.40 - 51.*
4. *Гурвич М.А. Лекции по советскому гражданскому процессу.– Москва: ВЮЗИ, 1950. – 259 с.*
5. *Земскова П.Е. Принцип добросовестности и принцип справедливости как общие принципы права, признанные цивилизованными нациями // Юриспруденция. - 2009. - № 1616. http://www.pravorggu. ru/2009_ 16/ index.shtml*
6. *Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 №1918. - http://www.mmk.tj*
7. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20 июни соли 2024 №2048. - http://www.mmk.tj*
8. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” аз 22 июни соли 2024 №2049. - http://www.mmk.tj*
9. *Марченко М.Н. Теория государства и права: учебник. –Москва: Проспект,2006. – 426 с.*
10. *Никонов А.П. Свобода от равенства и братства. Моральный кодекс строителя капитализма. – Санкт-Петербург: НЦ ЭНАС, 2007. – 360 с.*
11. *Новиков М. В. Понятие добросовестности в гражданском праве: теоретический анализ [Текст]/М. В. Новиков//Молодой ученый. — 2012. — №1. Т.2. — С. 41- 43.*
12. *Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь. Режим доступа: http:// ozhegov. info/slovar/.*
13. *Ойгензихт В.А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. – Душанбе: Изд-во ТГУ, 1980. – 299 с.*
14. *Ойгензихт В.А. Презумпции в советском гражданском праве. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 386 с.*
15. *Раҳмонов Э.Ш. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI: Бардошти оқилона алтернатива надорад [Матн] // Пайванд. – 2001. – № 5. – С.7 – 20.*
16. *Реализация конституционных принципов защиты прав в гражданском судопроизводстве // Государство и право. – 2009. - №3. - С.39–49.*
17. *Семенов В.М. Конституционные принципы гражданского судопроизводства. Свердловск, 1980. – 390 с.*
18. *Сотиволдиев Р.Ш., Кенджаев Ш.Ю. Учение Джами и о праве и государстве. – Худжанд: Изд-во им. Р. Джалила. – 376 с.*

**19.** *Тахиров Ф.Т. Правовая система дореволюционного Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 279 с.*
**20.** *Харсеева Н.В. Духовно-нравственные основы российского предпринимательства: автореф. дисс. ... д-ра филос. наук. – Краснодар, 2015. – 36 с.*
**21.** *Энциклопедический словарь. — Санкт-Петербург: Брокгауз-Ефрон, 1890—1907. – 1023 с.*

***REFERENCES:***

**1.** *Boltuev S.S. Integrity of Participants as a Method of Regulating their Civil Law Relations / Legal facts as the basis for the emergence, modification and termination of civil relations: materials of a scientific and theoretical conference dedicated to the 20th anniversary of the Research Institute of Private Law and the 10th anniversary of Kazakhstan International Arbitration. Ed. Suleimenov M.K. – Almaty: Daurkitab. - 2015. – 668 p. - PP.624 - 630.*
**2.** *Globalization and Development of Legislation. Essays / Ed.: A.S. Pigolkin, Yu.A. Tikhomirov. – M., Gorodets. - 2004. – PP.654.*
**3.** *Gribanov V.P. Principles of the Exercise of Civil Rights / Bulletin of Moscow University. - 1966. - No. 3. – PP.40-51.*
**4.** *Gurvich M.A. Lectures on Soviet Civil Procedure. – M. – VUZI. – 1950. – 259pp.*
**5.** *Zemskova P.E. The Principle of Good Faith and the Principle of Justice as General Principles of Law Recognized by Civilized Nations // Jurisprudence. - 2009. - № 1616. http://www.pravorggu. ru/2009_ 16/ index.shtml*
**6.** *Cultural Code of the Republic of Tajikistan No. 1918 dated December 24, 2022. - http://www.mmk.tj*
**7.** *The Law of the Republic of Tajikistan ”On the Regulation of Celebrations and Rituals in the Republic of Tajikistan" dated June 20, 2024 No. 2048. - http://www.mmk.tj*
**8.** *The Law of the Republic of Tajikistan ”On Responsibility for the Education and Upbringing of a Child" dated June 22, 2024 No. 2049. - http://www.mmk.tj*
**9.** *Marchenko M.N. Theory of State and Law: Textbook. – M.: Prospekt, 2006. – 426pp.*
**10.** *Nikonov A.P. Freedom from Equality and Fraternity. The moral code of the builder of capitalism. – St. Petersburg, publishing house “NC ENAS". – 2007. – 360pp.*
**11.** *Novikov M. V. Understanding Good Faith in Civil Law: a theoretical analysis [Text]/M. V. Novikov//A young scientist. - 2012. — No. 1. Vol. 2. — PP. 41-43.*
**12.** *Ozhegov S.I., Shvedova N.Yu. Explanatory Dictionary. / http:// ozhegov. info/slovar/.*
**13.** *Eugenzicht V.A. Essential feedback in economic arguments. - Dushanbe. – Publishing house of TSU. - 1980. – 299pp.*
**14.** *Eugenzicht V.A. Presumptions in Soviet Civil Law. - Dushanbe. - Irphone. – 1976. – 386pp.*
**15.** *Rakhmonov E.Sh. Republic of Tajikistan on the threshold of the XXI century: a reasonable tolerance has no alternative [Text] / / link. – 2001. – No. 5. – PP.7-20.*
**16.** *Implementation of Constitutional Principles of Protection of Rights in Civil Proceedings // State and law. – 2009. - No.3. - PP.39-49.*
**17.** *Semenov V.M. Constitutional Principles of Civil Proceedings. Sverdlovsk. – 1980. – 390pp.*
**18.** *Sotivoldiev R.Sh., Kenjaev Sh.Yu. Study of Jami and law and the state. – Khujand. – R. Jalil Publishing House. – 376 pp.*
**19.** *Takhirov F.T. The Legal System of Pre–Revolutionary Tajikistan. – Dushanbe. – Irphone. - 1998. – 279pp.*
**20.** *Kharseeva N.V. Spiritual and Moral Foundations of Russian Entrepreneurship. The author's abstract. diss. ... doct. Philos. sciences. - Krasnodar. -- 2015. – 36pp.*
**21.** *Encyclopedic Dictionary. — S.-Pb.:Brockhaus-Efron. 1890-1907. – 1023pp.*